**«Тасдиқ мекунам»**
**Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, д.и.т., дотсент**
**_______________ Назарзода Х.Х.**
**«____» ______________2025**

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Диссертатсия дар мавзуи «Ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ» аз ҷониби докторант Наботзода Парниён Ҷумъахон дар кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Наботзода Парниён Ҷумъахон, 16-уми феврали соли 1991 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2012 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз хатм кардааст. Аз соли 2012 то 2017 ҳамчун ассистенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият намудааст. Соли 2014 магистратураи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси фаъолияти бонкӣ хатм намудааст. Аз соли 2017 то ҳол ба ҳайси муаллими калони кафедраи молия фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардидааст. Мавзуи диссертатсияи Наботзода Парниён Ҷумъахон дар ҷаласаи Шурои олимони ДДТТ аз 26 апрели соли 2017, қарори №11 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ: н.и.и., дотсент, мудири кафедраи молия Дустматов Б.М.

Наботзода П. Ҷ. солҳои 2016 – 2019 дар докторантура (PhD) Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси доктор (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия таҳсил намуда, дар ҳаҷми 180 кредит барномаи таълимиро азхуд кардааст. Имтиҳони комплексӣ аз рӯи ихтисос бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон супорида шудааст.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 18 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 11 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Аз рӯи натиҷаҳои экспертизаи диссертатсия дар мавзуи «Ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ» хулосаи зерин бароварда шуд:

**1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия**

Дар диссертатсия ҷанбаҳои молиявии татбиқи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ баррасӣ мешаванд. Аҳамияти мавзуи интихобшуда ба номукаммалии равандҳои таъмини аҳолӣ бо хизматрасонии инфрасохтори иҷтимоии аҳолӣ вобаста аст. Бояд гуфт, ки дар комплекси объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ мушкилотҳои ташкилотҳое мебошанд, ки ба таъмини ҳаёти аҳолӣ машғуланд. Чун қоида, консепсияҳо ва стратегияҳое, ки дар ин соҳа амалӣ мешаванд, танҳо масъалаҳои марбут ба хоҷагии манзилию коммуналиро дар бар мегиранд. Аммо, ба гуфтаи муаллиф, равандҳои таъмини шароити муътадили зиндагии мардум, ба ҷуз аз хизматрасонии анъанавии манзилию коммуналӣ, инчунин хусусияти дигарро низ дар бар мегирад. Имрӯз барои аксари минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳалли чунин мушкилот, ба монанди баланд бардоштани сифат, дастрасӣ ва истеҳсоли хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ хеле муҳим боқӣ мемонад. Дар баробари зарурияти сохтан, навсозӣ ва рушди инфрасохтори дахлдор масъалаҳои мубрами такмили низоми кадрҳо, раванди технологӣ, молиявӣ, методӣ таъмини ҷанбаҳои молиявии шарикии давлат ва тиҷорати хусусӣ дар соҳаи иҷтимоиёт ба миён меоянд.

**2. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия**

Диссертатсияи Наботзода Парниён Ҷумъахон дар мавзуи «Ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи

иҷтимоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

### 3. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла ба масъалаҳои рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳамчун самтҳои муҳим муайян гардидааанд, робита дорад.

### 4. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 18 кори илмӣ, аз он ҷумла 11 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:

***А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:***

[1-М]. Наботова П.Дж. Особенности инвестиционного обеспечения и развития государственно-частного партнерства в сфере услуг Республики Таджикистан [Текст] // Ф.Х. Курбонзода, П.Дж. Наботова / Вестник Таджикского национального университета. Душанбе 2017 (ISSN – 2413 – 5151) №2/6 С. 118 -121.

[2-М]. Наботова П.Ҷ. Мукаммалгардонии таъминоти инвеститсионии рушди шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар фаъолияти соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // П.Ҷ. Наботова, Л.С. Раҳмонов / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе 2017. (ISSN – 2413 – 5151 ) №2/9 С. 144 -147

[3-М]. Наботова П.Ҷ. Тадқиқоти механизмҳои беҳдошти истифодаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // П.Ҷ. Наботова / Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. Душанбе 2017 №4 (248) С.121 – 125

[4-М]. Наботова П.Ҷ. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун механизми навсозии иқтисодиёти бозоргонӣ: асосҳои назариявӣ-методологӣ [Матн] // П.Ҷ. Наботова / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе, 2018 (ISSN – 2413 – 5151 ) №2 С. 97 -101.

[5-М]. Наботова П.Ҷ. Сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон ва роҳҳои паст намудани он [Матн] // П.Ҷ. Наботова, К.Н. Раҳматова, Ш.М. Раҷабова / Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ, №1, (249) 2018 С. 107 – 110.

[6-М]. Наботова П.Дж. Реализация проектов государственно-частного партнерства в социальной сфере [Текст] // П.Дж. Наботова / Вестник Таджикского государственного университета коммерции. Душанбе, 2019 ISSN 2308054-X. №3 (28). С. 128-131.

[7-М]. Наботова П.Ҷ. Хусусиятҳои шарикии ҷамъиятӣ – хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ [Матн] // П.Ҷ. Наботова / Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе 2020. 4/2(34). ISSN 2308-054X. С. 108 – 112.

[8-М]. Наботова П.Ҷ. Баъзе ҷанбаҳои таҷрибаи хориҷии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар хизматрасониҳои иҷтимоӣ [Матн] // П.Ҷ. Наботова / Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе 2021. 4/1(38). ISSN 2308-054X. С. 224 – 230.

[9-М]. Наботова П.Ҷ. Таҷрибаи хориҷии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар хизматрасонии иҷтимоӣ [Матн] // П.Ҷ. Наботова / Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе 2022. 2(41) ISSN 2308-054X С. 102 – 108.

[10-М]. Наботова П.Ҷ. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар мамакатоҳи тараққиёти устувори иқтисодидошта [Матн] // П.Ҷ. Наботова / Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе 2023. 1(45) ISSN 2308-054X С. 181 – 185.

[11-М]. Наботова П.Ҷ. Баъзе ҷанбаҳои таъмини молиявии хизматрасониҳоииҷтимоӣдаршароитиҳозира [Матн] // П.Ҷ. Наботова / Паёми Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. Душанбе 2023. №2(82) ISSN 2075-9584 С. 269 – 281.

[12-М] Наботова П.Ҷ. Тақвияти ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти кишвар [Матн] / П.Ҷ.Наботова, К.Н. Раҳматова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон 2(52) 2024 С. 285 – 290 ISSN 2308-054X

***Б) Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмӯаи маводи конфронсҳо:***

[13-М] Наботова П.Дж. Формирование страхового рынка в Республики Таджикистан (научная статья) [Текст] / П.Дж. Наботова, Л.С. Раҳмонов// Материалы Республиканская научно-практическая конференция на тему совершенствование финансово – кредитных механизмов РТ в современных условиях экономики, посвящённой 70-летию профессора кафедры Рахимов З.А. ТГУ. –Душанбе: 2014, С.316-319.

[14-М] Наботова П.Дж. Анализ налогообложения индивидуальной трудовой деятельности и перспективы его развития в Республики Таджикистан (научная статья) [Текст] / П.Дж. Наботова // Республиканской научно-практической конференции ТГУ.- Душанбе: «Матбааи ДМТ» 2015 г. С.97-99.

[15-М] Наботова П.Дж. Лизинг как инновационный финансовый продукт [Текст] / П.Дж. Наботова, Л.С. Раҳмонов// Сборник материалов международный научной - практической дистанционный конференции под общей редакции Факерова Х.Н., Раджабова Р.К. Польша 2017 ООО “Сумани Кудрат” г.Душанбе ул.Матросова 2 дом 2.

[16-М] Наботова П.Дж. Инвестиции и их роль в развитии национальной экономики Республики Таджикистан [Текст] / П.Дж. Наботова // Маҷаллаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (июни 2018) С. 39-41

[17-М] Наботова П.Ҷ. Рушди фазои сармоягузорӣ дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.Ҷ.Наботова // (Конфренсияи илмӣ амалии Ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Муаммоҳои таъмини рақобатпазирии институтҳои молиявии ҷумҳурии тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт”бахшида ба рӯзи кормандони мақомоти молия) 7- декабри соли 2018.

[18-М] Наботова П.Дж. Институциональные основы развития ГЧП в республике Таджикистан [Текст] / П.Дж. Наботова, А.А. Қурбонов// Международная научно –практическая дистанционная конференция. Развитие инновационной экономки в Таджикистане и Польше (21- 22 декабри 2018 с.) С. 328-330.

[19-М] Наботова П.Ҷ. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун механизми навсозии иқтисодиёти маҳал: асосҳои назариявӣ-методологӣ [Матн] / П.Ҷ.Наботова // Конфронси илмӣ – амалӣ ҷумҳуриявиро дар мавзуи “Мукаммалгардонии фаъолияти молиявӣ қарзӣ ва низоми андозбандӣ: назария, методология ва ҷанбаҳои амалӣ”Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат. Душанбе 2019. – С.410- 415.

[20-М] Наботова П.Ҷ. Ташаккули стратегияи рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ [Матн] / П.Ҷ.Наботова, Б.М. Дустматов // VII международной научно-практической конференции «Таджикистан и

современный мир: актуальные проблемы развития инновационной экономики» 2019 г. С. 337-341.

[21-М] Наботова П.Дж. Особенности взаимодействия участников государственно-частного партнерства в социальной сфере [Текст] / П.Дж. Наботова, Ш.Ҷ. Ҷураев// (Международная научно – практическая дистанционная конференция, Развития инновационной экономики в Таджикистане и Польше) г.Душанбе, 6-7 декабря 2019 г. С.248-250.

[22-М] Наботова П.Ҷ. Механизми ҳамкории давлат ва бахшҳои хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ [Матн] / П.Ҷ.Наботова // Маводи конференсияи VIII - уми илмию амалии байналмилалӣ «Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир: масоили мубрами рушди иқтисодиёти инноватсионӣ» 26 сентябрси соли 2020. ш.Душанбе С. 324- 331.

**5. Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо**

Натиҷаҳои асосии назариявии диссертатсия дар мавзуи «Ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ» дар ҷараёни таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон истифода шудааст, ки бо санади татбиқ тасдиқ мегардад.

Ҳамчунин натиҷаҳои илмию амалии таҳқиқоти диссертатсиониро метавон дар фаъолияти муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ»-и Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд.

**6. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Саҳми шахсии муаллиф дар муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асоснокkунии номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли ин масъалаҳо, дар бурда расонидани муқаррарот то марҳилаҳое, ки истифодаи онҳоро дар рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ имконпазир мегардонад, зоҳир мегардад.

## Қарори ҷаласаи кафедра

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Наботзола Парниён Ҷумъахон дар мавзуи “Ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисос 6D050900-Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз); тақризи роҳбари илмӣ – н.и.и., дотсент Дустматов Б.М.; баромади докторони илмҳои иқтисодӣ, профессорон Ҷабборов А. ва Фақеров Ҳ.Н., Аминов И., Мирзоалиев А.А., номзади илмҳои иқтисодӣ Убайдуллоев Ф.К., н.и.и., дотсент Қурбонов А.Р., Абдуллоев А.Б., н.и.и., дотсент Алимов К.К., маҷлиси кафедраи молия дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Наботзода Парниён Ҷумъахон *қарор мекунад:*

1. Диссертатсияи Наботзода Парниён Ҷумъахон дар мавзуи “Ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) ҷавобгӯ ба талаботи муқарраргардида арзёбӣ мегардад ва барои баррасӣ ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

2. Ба Наботзода Парниён Ҷумъахон нусхаи протокол ва хулосаи маҷлиси кафедра дар бораи дуруст ба расмият дароварда шудани диссертатсия ва пешниҳоди он ба шурои диссертатсионӣ дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 20 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

тарафдор - 20 нафар

зид - нест

бетараф - нест

Хулоса дар маҷлиси кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 24 сентябри соли 2025, суратҷаласаи № 3 қабул гардидааст.

**Раисикунанда:**
**ҷонишини декан оид ба таълим-эдвайзери факултети молия ва қарз**
**н.и.и., дотсент** **Шоназарзода Н.Ш.**

**Котиби маҷлис:**
**н.и.и., муаллими калон** **Холаҳмади С.**

*Имзоҳои Шоназарзода Н.Ш., ва Холаҳмади С.-ро тасдиқ менамоям:*

**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДТТ** **Пирзода С.С.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ КОММЕРЦИИ
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ